«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ доктори илми таърих, профессор
_____Ибодуллозода А.И.
“30” августи 2022

Такризи

муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи “Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи “Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода” дар доираи татбиқи зербанди 4-5-и “Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 765, аз 4 декабри соли 2014 тасдиқ гардидааст, анҷом дода шудааст, ки он ба банди 5-уми бахши “Соҳаи таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, яъне “Адабиёти муосири тоҷик” мутобиқат менамояд.

Масъалаи омӯзиши масоили марбут ба адабиёти тоҷикии садаи ХХ, аз нигоҳи нав аз ҷумлаи самтҳои муҳим ва асосии илми адабиётшиносии муосир маҳсуб мешавад. Бозтоби чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар осори адибони муосири тоҷик, аз ҷумла дар эҷодиёти яке аз поягузорони насри реалистии тоҷик устод С. Улуғзода аз ҷумлаи мавзуоти камтаҳқиқшуда ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар бораи аҳволу осори С. Улуғзода солҳои охир таълифоти зиёде ба чоп расид, вале ба таври мушаххас масъалаи тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки рисолаи М. Нодирова ин халои илмӣ дар улуғзодашиносиро пур мекунад. Гузашта аз ин, тасвири бадеии симоҳои адабию фарҳангӣ аз ҷониби адиби тавоное, мисли устод С. Улуғзода воқеан, дар адабиёти тоҷикии садаи ХХ падидаи тозаю нотакрор буд. Нависанда маҳз ба ҳамин восита паёми худогоҳӣ ва худшиносии миллиро, ки як рукни муҳими консепсияи бадеии осораш аст, ба хонанда ироа намудааст.

Устод С. Улуғзода дар заминаи омӯзиши таҷрибаи эҷодии нависандагони маъруфи кишварҳои Ғарбу Шарқ дар насри тоҷикии

Устод С. Улуғзода дар заминаи омӯзиши таҷрибаи эҷодии нависандагони маъруфи кишварҳои Ғарбу Шарқ дар насри тоҷикии садаи XX як мактаби қавии чеҳранигориро поягузорӣ намуд, ки он дар давраҳои баъдӣ хеле ривоҷ ёфта, дар ғановати адабиёти муосири тоҷик ва хоса насри таърихии он нақши калон гузошт. Аз ин ҷиҳат ҳам мавзуи диссертатсияи М. Нодирова муҳим буда, он лоиқи таҳқиқи амиқу фарогир мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонӣ ва асосҳои назарию амалии таҳқиқотро муфассал тавзеҳ дода, проблемаҳо ва аҳдофи пажуҳиши худро равшан баён менамояд, ки он барои бонизом ба анҷом расонидани ковишҳои илмиаш мусоидат намудааст. Ба таври мушаххас таҳқиқоти мазкур баррасӣ ва мушаххас намудани мақому ҷойгоҳи С. Улуғзода дар тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар насри муосири тоҷик мебошад.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он. Консепсияи умумии диссертатсия, сохтори он, дараҷаи дарку маърифати масъалаҳои баррасишаванда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми довталаби дараҷаи илмӣ ва назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунад. Саҳми шахсии муаллиф дар он зоҳир мешавад, ки ӯ зимни баррасии масъалаи тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти С. Улуғзода, нақшу саҳми нависандаро дар ин самт ба таври мушаххас мавриди омӯзиши фарогир қарор медиҳад. Вай зимни баррасии асарҳои С. Улуғзода ҳунари чеҳранигорӣ, муколамаофаринӣ, тасвири сарнавишти шахсиятҳои адабию фарҳангиро дар эҷодиёти нависанда мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Нашри мақолаҳои ҷудогона, гузоришу маърузаҳои илмӣ ва диссертатсияи мазкур бори дигар саҳми шахсии довталабро дар таҳқиқи мавзуи мавриди назар собит месозад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, он баъди танзиму такмил дар шакли диссертатсияи мазкур ва таҳқиқоти комилу анҷомёфта пешниҳод мегардад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Диссертатсия дар се бобу дувоздаҳ фасл шакл гирифта, аз баррасии бобҳо натиҷаи мушаххаси илмӣ ба даст омадаанд. Дар боби аввали диссертатсия “Мақоми Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир” муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар заминаи баррасии вижагиҳои адабию ҳунарии насри бадеии С. Улуғзода,

ҳунари портретофаринӣ ва муколамасозии нависанда, мақому мартабаи адабии муаллифро дар адабиёти муосири тоҷик муайян созад. Вай таъкид менамояд, ки насри С. Улуғзода дорои ҷаззобияти хос аст, ки он вижагии муҳими ҳунари адабии нависанда маҳсуб меёбад. С. Улуғзода дар эҷодиёти худ дар баробари манзури хонанда намудани беҳтарин асарҳои бадеӣ, қиссаву романҳои ҷолиб, ҳамчунин дар муаррифии таърихи забон ва фарҳанги тоҷикон саҳми арзанда дорад. Вай дар осори бадеӣ ва таърихиаш урфу одат, расму оину анъана ва таърихи забону фарҳанги тоҷиконро ҳамчун нависандаи таърихнигор ба тасвир гирифтааст. Нависанда дар офариниши бадеии воқеаҳо ва шахсиятҳои таърихӣ, тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ, рӯ овардан ба ҳаводиси таърихӣ ибтикороти адабию эҷодии ибратбахш нишон медиҳад, ки намунаҳои онро мо дар қиссаи “Ривояти суғдӣ”, “Марги Ҳофиз”, романҳои “Восеъ” ва “Фирдавсӣ”, драмаҳои “Рӯдакӣ”, “Ҷавонии Сино”, “Қисмати шоир” ва ғайра ба мушоҳида мегирем.

Чунонки муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, С. Улуғзода бо хусусиятҳои умдаи насри худ, тасвири ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ бидуни таҳриф ва барҷастанамоии қаҳрамони асар, забони равону сода, инъикоси бадеию вуқуъгароёнаи ҳаводиси гузаштаи дуру наздик ва ҷаззобияти хоси тасвир дар адабиёти муосири тоҷик ба ҳайси нависандаи навгаро ва ҷӯянда шинохта шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки “Принсипи таърихият дар эҷодиёти Сотим Улуғзода” унвон дорад, муаллиф ҷанбаҳои гуногуни таърихияти насри С. Улуғзодаро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ҷумла, дар фасли аввали боби мазкур, масъалаи шеваю тарзи чеҳранигории нависанда дар қиссаи таърихии “Ривояти суғдӣ” мавриди баҳс қарор мегирад. Вай таъкид менамояд, ки дар повести “Ривояти суғдӣ” ҳамчун асари таърихӣ инъикоскунандаи ҷавонмардӣ ва қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик мебошад, қаҳрамонҳои асар суғдиён мебошанд, ки бар зидди зулму истибдоди арабҳои ғосиб меҷангиданд. Воқеан, муборизаи мардони суғдӣ бар зидди арабҳо дар қиссаи мазкур хеле ибратбахш аст.

Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия, масъалаи бозтоби таърихияти забон ва фарҳанги миллӣ дар повести “Ривояти суғдӣ” матраҳ мешавад. Дар ин асар, нависанда дар баробари ҷоннисорию муборизаҳои суғдиён ба муқобили арабҳо аз зарфиятҳои таърихии забон, фарҳанги суннатии мардум, урфу одат расму оин ва анъанаҳои қадимаи мардумӣ истифода намуда, дар паҳнои бадеии қисса фазои

бадеии таърихиро ба вуҷуд меорад, ки он омӯзанда ва ибратбахш аст. Ба қавли муаллифи диссертатсия муҳтаво ва сужети повести “Ривояти суғдӣ” дар заминаи одату оинҳо ва фарҳангу забони суғдиён ба миён омадааст. Ин нуктаро мо дар қисматҳои “Наниманча”, “Виркан” ва “Мурод аз номуродӣ” ба хубӣ эҳсос менамоем.

Дар фасли сеюми боби мазкури диссертатсия, муаллиф масъалаи бозтоби таърихияти забон ва фарҳанги миллиро дар чанд асари таърихии С. Улуғзода, аз қабили “Ривояти суғдӣ”, “Фирдавсӣ”, “Темурмалик” ва “Восеъ” ба таври қиёсӣ баррасӣ менамояд, ки он ҷанбаи илмии таҳқиқи масъаларо қавӣ мегардонад.

Боби сеюми рисолаи М. Нодирова, “Вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода” унвон дошта, дар он масъалаи мазкур дар шаш фасли алоҳида аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, дар фасли аввали ин боби диссертатсия назари С. Улуғзода ба аҳволу осори Рӯдакӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дуруст таъкид мешавад, ки устод С. Улуғзода дар шиносонидани зиндагиномаи Рӯдакӣ саҳми бориз дорад. Воқеан, устод С. Улуғзода дар ибтидои фаъолияти илмию адабиаш ба фарҳангу тамаддун ва шеъру адаби тоҷикии асрҳои Х-Х1 ва хоса нақшу мақоми дудмони Сомониён дар таърих таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуд, ки натиҷааш силсилаи асарҳои таърихии нависанда аст.

Дар шинохти воқеии аҳволу осори Рӯдакӣ драммаи “Рӯдакӣ”-и устод С. Улуғзода дар таърихи адабиёти тоҷикии садаи ХХ нақши калон бозида буд. Диссертант бо дарназардошти ин ҷиҳати асари мазкур дуруст таъкид менамояд, ки дар драммаи “Рӯдакӣ” мақсади асосии Сотим Улуғзода тасвир намудани шахсияти Рӯдакӣ ба сифати шоири тавоно буда, нависанда дар офариниши симои бадеии ин адиби бузург муваффақ шудааст.

Дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия, вижагиҳои тасвири симои Шивоҷӣ ҳамчун чеҳраи фарҳангӣ дар таълифоти С. Улуғзода маврида андеша қарор мегирад. Ҳангоми баррасии образи мазкур муҳаққиқ таъкид менамояд, ки нависанда чунон нағмаи Шивоҷиро тасвир кардааст, ки баробари хондани ин ҷумлаҳо хонанда эҳсос мекунад, ки гӯё ҳамон нағмаи Шивоҷиро шунида истода бошад. Яъне, тасвири С. Улуғзода бисёр зинда, муассир ва ҳатто аз ҳолати воқеӣ бештар ба қалам дода шудааст.

Масъалаи тасвири образи Фирдавсӣ дар фасли сеюми боби сеюми диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ки он яке аз бахшҳои

муҳими диссертатсия ба ҳисоб меравад. Дар ин фасл собиқаи омӯзиши аҳволу осори шоир аз тарафи С. Улуғзода муфассал тавзеҳ дода мешавад, ки он воқеан, барои мушаххас намудани таҳқиқ ва тарғиби Фирдавсӣ ва осори ӯ муҳим аст. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки бузургтарин хидмати С. Улуғзода таълифи романи "Фирдавсӣ" мебошад. Романи "Фирдавсӣ" китобест, ки ҳам тарҷумаи ҳоли шоир, ҳам як қатор воқеоти таърихӣ ва ҳам образҳои қавии бадеиро дар худ инъикос намуда, асари хуби мансури бадеӣ ва шарҳиҳолӣ дар адабиёти муосири тоҷик аст.

Симои дигари таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти С. Улуғзода чеҳраи бадеии Ибни Сино мебошад. Бозтоби симои бадеии ин олиму шоири бузург дар фасли чоруми боби сеюми диссертатсияи М. Нодирова мавриди баҳс қарор дода шудааст. Бояд зикр кард, ки шахсият ва зиндагиномаи ибни Сино ҳанӯз аз солҳои бистуми садаи ХХ таваҷҷуҳи С. Улуғзодаро ба худ ҷалб карда буд. Баъдан, дар китобҳои "Намунаҳои адабиёти тоҷик" ва "Пири ҳакимони машриқзамин" нависанда дар бораи аҳволу осори Ибни Сино маълумоти зиёде дода буд, ки ҳамаи ин барои таълифи драммаи "Ҷавонии Ибни Сино" ва киноповести "Абуалӣ ибни Сино" (бо ҳаммуалифии В. Виткович) замина гардид. Воқеан, дар радифи Рӯдакию Фирдавсӣ шахсият ва эҷодиёти Ибни Сино ҳам дар тули фаъолияти эҷодии нависанда дар маркази таваҷҷуҳи ӯ будааст.

Дар фасли панҷуми боби сеюми диссертатсия, муҳаққиқ бозтоби бадеии шахсияти Аҳмади Донишро дар драммаи С. Улуғзода "Алломаи Адҳам ва дигарон" ба таҳқиқ гирифтааст. Дуруст таъкид мешавад, ки С. Улуғзода дар ин асари худ Аҳмади Донишро ҳамчун рушддиҳандаи адабу фарҳанги тоҷик, ташаккулдиҳандаи майлҳои маърифатпарварӣ, равшанфикрию ислоҳотталабии мардуми Осиёи Марказӣ тасвир намудааст. Воқеан, дар таълифоти номбурдаи устод С. Улуғзода Аҳмади Дониш ба сифати олими ҷомеашинос, маърифатпарвару равшанфикр ва тарғибгари ақидаҳои пешқадами иҷтимоии замони худ муаррифӣ мегардад. Дар радифи Аҳмади Дониш дар асари ин нависандаи тавонои тоҷик симои устод Айнӣ ҳам ба ҳайси пири равшанзамири адабиёти муосири тоҷик ба қалам дода шудааст.

Дар фасли шашуми боби сеюми диссертатсия муаллиф дар заминаи баррасии чанд асари нависанда иртибот ва иродати ӯро ба шахсият ва осори устод С. Айнӣ баён мекунад. Воқеан, С. улуғзода дар осори ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ бахшидаи худ кӯшидааст, ки хидматҳои бузурги устод Айниро дар боло бурдани маърифату дониши халқ, омӯзиши забони

тоҷикӣ, таҳқиқ ва нашри мероси адабии гузашта, тарбияи адибони ҷавон ва ғайра махсус зикр намояд. Ба таври куллӣ, диссертант натиҷагирӣ ва хулосаҳои илмии худро дар бахши хулосаи диссертатсия дар 17 банд баён кардааст, ки онҳо қобили андеша ҳастанд.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти мазкур аз фоида холӣ нестанд:

1. Дар бахши аввали муқаддима муҳимият ва мубрамияти мавзуъ бояд муфассалтар баррасӣ ва асоснок карда мешуд.
2. Ба назари мо, муаллиф агар дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ таълифоти муҳаққиқони пешинаро аз нигоҳи нав баррасӣ ва гуруҳбандӣ намуда, ба онҳо баҳои воқеии илмӣ медод, арзиши рисола меафзуд.
3. Дар боби дуюми рисола, ки "Принсипи таърихият дар эҷодиёти С. Улуғзода" унвон дорад, бояд аввал ҳамин принсипҳои таърихият (таносуби воқеияти таърихӣ бо воқеияти бадеӣ, мантиқи инкишофи воқеияти таърихӣ дар асари адабӣ ва ғайра) шарҳ дода мешуд, беҳтар буд.
4. Дар саҳ. 18,19,21,23 ва ғайра ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар расиданд, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.
5. Дар фасли 2, боби 3 симои бадеии Шивоҷӣ баррасӣ мешавад, вале дар ягон ҷойи ин фасл номи асаре, ки дар он симои Шивоҷӣ тасвир шудааст, зикр намегардад.
6. Ҳангоми баррасии асарҳои таърихии С. Улуғзода муаллиф ба сарчашммаҳои адабию таърихии онҳо камтар таваҷҷуҳ намудааст.

Камбудиҳои зикргардида аҳамияти рисолаи мазкурро кам намесозанд, онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва моҳияту арзиши илмии рисоларо халалдор намесозанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ), таълифоти илмии дар ин замина ба нашр расидаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд. Чунонки аз феҳрати таллифоти М. Нодирова бармеояд, ӯ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақола ба нашр расонидааст, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар маҷмуъ, диссертасияи М. Нодирова дар мавзуи "Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода", ки таҳти роҳбарии доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ

иҷро шудааст, кори илмию тахассусии ба охиррасида буда, арзишманд дониста мешавад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсия Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи “Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода” ба талаботи бандҳои 31-37 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (30 августи соли 2022, суратҷаласаи №2) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд:

14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-14 нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест.

Раиси ҷаласа:

Номзади илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ Саидов Саидраҳмон

Эксперт:

Доктори илми филология, профессор, мудири
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Солеҳов Шамсиддин

Котиби илмии ҷаласа:

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Шоев Абдуҳамид

Имзоҳои С.Саидов, Ш.Солеҳов, А.Шоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Суроғаи муассисаи пешбар:

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 987650043
E-mail: soleh59@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
30.08.2022